*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 14 (4754) | ДУШАНБЕ, 29 ЯНВАРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# РАМЗИ ПИРӮЗИИ ГАРМИЮ НУР БАР САРДИЮ ТОРИКӢ

**Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни Сада**

**шаҳри Душанбе, 28-уми январи соли 2024**



**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба муносибати ҷашни Сада, ки ҳамчун ёдгории бисёр гаронбаҳо аз аҷдоди некномамон ба мо мерос монда, ба шарофати соҳибистиқлолии Ватани азизамон эҳё гардидааст ва ба яке аз ҷашнҳои муҳими миллии мо табдил ёфтааст, самимона табрик мегӯям.

Ҷашни Сада, дар қатори Наврӯзу Тиргон ва Меҳргон, аз даврони қадим то рӯзгори мо бо як силсила одобу суннатҳо, расму оинҳо ва донишу таҷрибаҳои кишоварзӣ омада расидааст.

Ниёгони ориёитабори мо ҳанӯз беш аз шаш ҳазор сол қабл аз ин ба ҳунармандию косибӣ, истеҳсоли ашёи зарурии рӯзгор ва корҳои кишоварзию боғдорӣ машғул будаанд. Онҳо барои ҳар як фасли сол иду маросим ва одатҳои махсус доштаанд, ки ҳама бо табиат, заминдорӣ ва касбу кори гузаштагонамон пайванди мустаҳкам дошта, аз ҷониби хурду бузург таҷлил мегардиданд.

Ҷашни Сада яке аз ҳамин оинҳои басо деринаи мардуми мо мебошад. Дар муҳити зиндагии ориёиёни қадим тақвимҳои мардумӣ шакл гирифта, гузаштагони мо аксари маросиму ҷашнҳоро дар асоси онҳо таҷлил мекардаанд. Ҳамин аст, ки ниёгони мо барои чор фасли сол оину ҷашнҳои алоҳидаро бунёд гузоштаанд.

Сада моҳиятан тақвими чиллашуморӣ аст, ки то ҳанӯз дар байни мо – тоҷикон роиҷ буда, кишоварзон тибқи он рӯзу моҳу фаслҳоро ҳисоб мекунанд ва дар корҳои деҳқонии худ истифода мебаранд. Мувофиқи тақвими чиллашуморӣ аз 22-юми декабр чиллаи калон шурӯъ мешавад ва шаби даромадани чилларо ниёгони мо бо номҳои «Шаби чилла» ва «Шаби ялдо» ҷашн мегирифтанд.

Баъд аз анҷоми чиллаи калон, ки ба 30 январ рост меояд, ҷашни Садаро баргузор мекарданд. Яъне, ба ҳисоби мардум чиллаи калон давраи авҷи сардиҳо мебошад. Аз ин хотир, дар аввалу охири он шабнишинӣ ва шодию нишот барпо карда, орзуи осоишу оромии рӯзгор ва файзу баракати корҳои кишоварзиро мекарданд.

Сада рамзи пирӯзии гармию нур бар сардӣ ва торикӣ ба ҳисоб рафта, рамзи асосии он гулхани фурӯзони оташ мебошад. Ин аст, ки яке аз рамзҳои ҷашни Сада аз болои оташ паридану нияти саломатию тандурустию рӯйсурхӣ кардан мебошад, ки то кунун дар байни мардуми мо чун маросими «аловпарак» маъмул аст.

То фарорасии ҷашни Сада кишоварзон ҷӯйбору заҳкашҳоро ба тартиб даровարда, яхобмонии боғу токзорҳо ва обшӯйкунии заминҳоро анҷом медоданд. Бахусус, дар ин давра тартиби кандани ниҳолҳо барои бунёди боғҳои нав аз ҷониби пирони рӯзгордида, маросими идонаи дарахтбурӣ, шаклдиҳии дарахтони мевадиҳанда ва тоза кардани атрофи дарахтони сояафкан ба амал меомад.

Пас аз таҷлили ҷашни Сада деҳқонон аз фароғати зимистона берун омада, дар андешаи мавсими нави кишоварзӣ ва боғдорӣ мешуданд, зеро маҳз дар ин айём дар қишри Замин бедорӣ оғоз мегардад, ки замину замону табиатро барои эҳё омода месозад. Яъне, ҷашни Сада паёмовари ҷашни Наврӯзи оламафрӯз, омодагӣ ба ин оини бузурги ориёӣ мебошад ва баъди панҷоҳ шабу панҷоҳ рӯзи он ҷашни соли нави ориёӣ - Наврӯз фаро мерасад.

Дигар рукни муҳими Сада ишора ба гардиши замонӣ барои оғози корҳои мавсими нави кишоварзӣ, яъне омода кардани олоти меҳнат, техникаю таҷҳизоти кишоварзӣ ва тухмиҳои беҳтарини зироатҳо ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, дар раванди баргузории ҷашни Сада ташкил кардани намоиш ва фурӯши ниҳолҳои дарахтони мевадиҳандаю сояафкан ва ороишӣ амали бисёр муҳим ба шумор меравад.

Деҳқонону боғдорони мо бояд рӯзҳои таҷлили ин ҷашнро самаранок истифода бурда, ниҳолҳои беҳтарини дарахтону буттаҳо, гулҳо ва тухмиҳои хушсифатро ба харидорон пешкаш намоянд ва барои кабудизоркунии кишвар саҳми арзандаи худро гузоранд, ки амалӣ намудани онро мо то соли 2040 ҳадафи худ қарор додаем. Вобаста ба ин, хотирнишон менамоям, ки бар асари тағйирёбии иқлим, гармшавии ҳарорати замин, инчунин, рӯз ба рӯз шиддат гирифтани вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷаҳони имрӯза, торафт зиёд шудани аҳолии сайёра ва афзоиши талабот ба озуқаворӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯз табдил ёфтааст.

Солҳои охир доимо таъкид месозам, ки ҳар як оилаи мамлакат бояд ба муҳлати то ду сол захираи маводи зарурии ғизоӣ дошта бошад. Ин пешниҳод тасодуфӣ набуда, аз таҳлили амиқи вазъи пешгӯйинашавандаи ҷаҳони имрӯза, гусаста шудани занҷираҳои пешини таҳвили молу маҳсулот ва пайваста боло рафтани нархи маҳсулоти озуқаворӣ бармеояд.

Дар шароити бисёр мураккабу буҳронии ҷаҳони муосир мо бояд боз ҳам бештар заҳмат кашем, замину обро самараноку оқилона истифода барем, ҳар чӣ бештар маҳсулот истеҳсол кунем ва барои амалисозии ҳадафи стратегии миллиамон – ҳифзи амнияти озуқаводии кишвар саҳми худро гузорем.

Қобили зикр аст, ки ҷашни Сада бо пешниҳоди Тоҷикистон 6-уми декабри соли 2023 дар иҷлосияи 18-уми Кумитаи ЮНЕСКО, ки дар шаҳри Касанеи кишвари Ботсвана баргузор гардид, ба Феҳристи мероси ғайримоддии башарият ворид карда шуд. Ин рӯйдоди муҳими фарҳангӣ боиси ифтихори ҳар як фарди худогоҳу ватандӯсти мамлакат ва гувоҳи равшани инсонмеҳварии ҷашнҳои миллии мо мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ мо бояд арзишҳои миллии худро, ки ҷашнҳои миллӣ як ҷузъи муҳими онҳо мебошанд, ҳифз карда, барои боз ҳам таҳкиму густариш ёфтани онҳо мусоидат намоем.

Кинаҳоро аз қалбҳо дур кардан, тозаю озода нигоҳ доштани хонаю кошона, сарсабзу хуррам гардонидани кӯчаву хиёбону гулгаштҳо ва ободу зебо намудани маҳали зист аз суннатҳои деринии ҷашнҳои миллии мо, аз ҷумла Сада, мебошанд.

Бовар дорам, ки мардуми мо ин анъанаи некро ба хотири тозаю озода нигоҳ доштани муҳити зист ва ободии Ватани маҳбубамон ҳамарӯза ва дар тамоми қаламрави мамлакат ба таври васеъ истифода мекунанд.

Бори дигар кулли мардуми шарифи кишварро ба ифтихори ҷашни бостонии Сада самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар як фарди Тоҷикистон тандурустӣ, бахту саодат ва иқболи баланд орзу менамоям.

**Ҷашни Сада муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод кардани Воҳидзода Ҳ. С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Воҳидзода Ҳабибулло Сайдулло бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 январи соли 2024, № 694**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод кардани Самад З. Т.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Самад Зафар Тағой бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини якуми директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 январи соли 2024, № 695**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи судяи суди ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон озод намудани Абдуллозода А. Б.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Абдуллозода Аҳмадҷон Баҳрӣ, бинобар вафоташ, аз вазифаи судяи суди ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 январи соли 2024, № 696**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Дарвози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод намудани Абдураҳмонзода С. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Абдураҳмонзода Саидбурҳон Саидраҳмон бо сабаби ба нафақа баромадан аз вазифаи раиси ноҳияи Дарвози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 январи соли 2024, № 697**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод намудани Ҷумъазода Ҷ. Ш.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Ҷумъазода Ҷумъа Шофақир бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 январи соли 2024, № 698**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод намудани Додихудоев Ф. М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Додихудоев Фарух Муборакшоевич бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 январи соли 2024, № 699**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод намудани Мирзозода М. О.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Мирзозода Мусо Одинамуҳамад бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 январи соли 2024, № 700**



# ТАЪЙИНОТИ КАДРӢ

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тибқи талаботи банди 9 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати додани ризоият барои аз вазифа озод намудани муовинони прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбакзода Дилшод Саид, Рофизода Мирзоамон Ҳамдам, муовини прокурори генералӣ - Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирзода Икром Оймаҳмад ва ҷиҳати таъйин намудани Каримзода Умед Раҳматшо ба вазифаи муовини якуми прокурори генералӣ, Азимзода Сарвар Бозор - муовини прокурори генералӣ, Воҳидзода Ҳабибулло Сайдулло ба вазифаи муовини прокурори генералӣ - Сарпрокурори ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд.**

Ҳамчунин, тибқи моддаи 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» барои ба вазифаи муовинони раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъйин намудани Амирбекзода Ҳабибулло ва Мирзозода Мусо розигӣ доданд.

Дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, прокурори вилояти Хатлон, прокурорҳои шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб, Бохтар, ноҳияҳои Сино ва Кӯшониён таъйин гардиданд.

**www.prezident.tj**

**Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ОФТОБ - ЭНЕРГИЯИ ТОЗА ВА ТАМОМНАШАВАНДА



**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 28-уми декабри соли 2023 зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки «бо мақсади расидан ба ҳадафҳои Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» ҷиҳати бунёди неругоҳҳои барқӣ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва то соли 2030 ба ҳаҷми на кам аз 1000 мегаватт расондани иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли «энергияи сабз», яъне бо истифодаи захираҳои офтобию бодӣ тадбирҳои амалӣ андешида шаванд».**

Дар ҳақиқат, неруи офтоб энергияи тоза, бузург ва тамомнашаванда мебошад. Истифодаи он ба муҳити зист, ҳаво, манбаъҳои об, саломатии одамон зарар надорад. Олимон ҳисоб кардаанд, ки энергияи 18 рӯзи офтобӣ ба энергияи якҷояи тамоми захираҳои нефту ангиштсангу гази табиии сайёра баробар аст. Ба ҳисоби миёна ҳар рӯз ба як метри мураббаъ аз офтоб муодили 4,2 киловатт /соат энергия сарф мешавад. Ин рақам дар биёбонҳои беабр 6 киловатт-соатро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, олимону муҳандисон барои самаранок истифода бурдани ин неруи ройгон кор бурда истодаанд.

Соли 1957 Иттиҳоди Шуравӣ дар ҷаҳон нахустин радифи маснуъи Заминро, ки дар он батареяҳои офтобӣ насб шуда буд, ба кайҳон баровард. Соли 1958 ИМА ин комёбиро такрор намуд. Дар он вақт арзиши аслии як киловатт-соат энергияи тавассути батареяҳои офтобӣ истеҳсолшуда 500 долларро ташкил медод. Соли 1970, бинобар истифода бурдани масолеҳи нисбатан арзон дар асоси кремний, арзиши аслии як киловатт-соати энергияи батареяҳои офтобӣ ба 100 доллар расид. Баъд аз се сол ин рақам 50 доллар шуд. Соли 1995 бошад, нишондиҳандаи мазкур ба 15 доллар расид.

Соли 1885 дар шоҳроҳи иёлати Калифорния 30000 телефон-автомат ва чароғакҳои атрофи роҳ пурра аз ҳисоби энергияи офтоб кор мекарданд. Баъдан, болои истгоҳҳои автобус панелҳои офтобӣ гузошта, неруи офтобро ба қувваи барқ табдил медоданд. Бо ҳамин дар ҷаҳон таваҷҷуҳ ба истифодаи энергияи офтоб афзуд.

Соли 1990 дар Германия ташаббуси «2000 боми офтобӣ» оғоз шуд. Яъне, болои боми хонаҳоро аз самти ҷануб бо панелҳои офтобӣ (барои истеҳсоли неруи барқ) ва коллекторҳои офтобӣ (барои гарм кардани об) муҷаҳҳаз намуданд. Таҷрибаи мазкур дар муддати кӯтоҳ ҷонибдорони зиёд ёфт. Аз ин рӯ, дар кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо ташаббуси «100000 боми офтобӣ» роҳандозӣ гардид. Япония бошад, дар муддати кӯтоҳ барномаи «70 000 боми офтобӣ»-ро амалӣ намуд. ИМА якбора ба амалисозии лоиҳаи «Як миллион боми офтобӣ» гузашт.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод намудани Шомирзозода А. М.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Шомирзозода Аъзам Мирмамад бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 январи соли 2024, № 701**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи аз вазифаи раиси ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон озод намудани Аҳмадзода И. Ш.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Аҳмадзода Илҳом Шамол бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи раиси ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 январи соли 2024, № 702**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Дарвози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъйин намудани Носирзода У. С.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Носирзода Умедҷон Саидҷон иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Дарвози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 январи соли 2024, № 703**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъйин намудани Аҳмадзода И. Ш.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Аҳмадзода Илҳом Шамол иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 январи соли 2024, № 704**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъйин намудани Шоисматуллозода К.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Шоисматуллозода Комил иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 январи соли 2024, № 705**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъйин намудани Сафарзода Л. А.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Сафарзода Лашкар Аслам иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 январи соли 2024, № 706**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъйин намудани Иматшозода А. И.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Иматшозода Анвар Иматшо иҷрокунандаи вазифаи раиси ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 январи соли 2024, № 707**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин намудани Самад З. Т.**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

Самад Зафар Тағой директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 январи соли 2024, № 708**

# ҚАРОРИ
## ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 27 январи соли 2024, №14, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Раҳмонзода С. Ҳ.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Раҳмонзода Саиднахш Ҳаким бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

# АМРИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сафарзода Лашкар Аслам бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи муовини сардори раёсати кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зисти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 январи соли 2024, № АП-499**



# МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО ОРДЕНИ «ДӮСТИИ ХАЛҚҲО» САРФАРОЗ ГАРДОНДА ШУД

**29-уми январи соли 2024 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо сафири фавқулода ва мухтори Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Семён Григорев мулоқот намуд.**

Дар мулоқот таъкид гардид, ки асоси робитаи ҳасана байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия аз муносибати хуби роҳбарони ҳар ду давлати дӯст сарчашма мегирад. Боздидҳои Президентҳои Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва сафари намояндагони расмии сатҳи олии ҳар ду кишвар ба мамлакатҳои якдигар барои боз ҳам густариш ёфтани ҳамкориҳои дуҷониба дар тамоми арсаҳо заминаҳои мусоидро фароҳам овардаанд.

Раиси Маҷлиси намояндагон таъкид дошт, ки муносибати парлумонҳои ҳар ду кишвар тибқи Созишномаи ҳамкорӣ байни Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, дар ин замина, фаъолияти гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ миёни парлумонҳо ба роҳ монда шудааст, ки ҷиҳати тақвияти ҳар чӣ бештари мақомҳои олии қонунгузори ҳар ду кишвар кумак мекунанд.

Дар ҷараёни мулоқот роҷеъ ба паҳлуҳои дигари ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Россия низ изҳори назар карда шуд.

Дар интиҳои мулоқот сафири фавқулода ва мухтори Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Семён Григорев ба Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ордени «Дружба народов» («Дӯстии халқҳо»)-ро тақдим намуд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ШАМЪҲОИ КУШТАРО БО НУРИ ҶОН АНДӮХТӢ

**Давраи роҳбарии Бобоҷон Ғафуров ба солҳои баъдиҷангӣ (1946-1956) - ба мушкилтарин давра рост омад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, оҳиста-оҳиста иқтисодиёт, саноат, маориф, илм, варзиш ва фарҳанг пеш мерафту дар муддати кӯтоҳ зиндагии мардум беҳтар шудан гирифт. Дар ин давра таваҷҷуҳи роҳбари ҷавони Тоҷикистон ба инкишофи фарҳанг ва санъат бештар буд, зеро дар баробари равнақу ривоҷ додани дигар соҳаҳо баҳри истироҳат ва фароғати сокинони кишвар бояд театру хонаҳои маданият ва клубҳо фаъолият мекарданд, то мардум аз шунидани суруду таронаҳо, намоишнома ва барномаҳои консертии театрҳо баҳравар гарданд. Вале барои ин муассисаҳои фарҳангӣ бино ва мутахассисони касбӣ лозим буданд.**

Соли 1946, айёме, ки Бобоҷон Ғафуров ҳанӯз котиби Кумитаи марказии Партияи коммунистии Тоҷикистон оид ба ташвиқу тарғибот буд, бо ташаббуси ӯ як гурӯҳ ҷавонҳои соҳибистеъдод ва боҳунар Зиёдулло Шаҳидӣ, Фозил Солиев, Насимҷон Пӯлодов, Шамсӣ Қиёмов, Ғаффор Валаматзода ба мактабҳои олии шаҳри Москва ва сарояндагони ҷавону умедбахш Ҳоҷӣ Ахмедов, Ҳанифа Мавлонова, Мулук Баҳор, Анвер Муллоқандов, Аҳмад Бобоқулов барои таҳсил ба Консерваторияи давлатии Москва ба номи П.И. Чайковский фиристода шуданд. Пас аз хатм онҳо ба Ватан баргашта, оҳангсозони маъруф, балетмейстерҳои шинохта ва таҳиягарону сарояндагони Театри давлатии опера ва балети Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ шуданд.

Вақте бинои наву зебои Театри давлатии опера ва балети Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифт, зарурате пеш омад, ки раққосони балетро аз ҳисоби наврасони тоҷик тайёр кунанд. Оғози соли 1949-ум 35 нафар наврасони тоҷикро барои таҳсил ба Омӯзишгоҳи хореографии Ленинград ба номи А.Я. Ваганова фиристоданд. Азбаски талаботи таҳсилу омӯзиши ҳунари балет зиёд буд, танҳо ҳафт нафар соли 1958 ин даргоҳи ҳунарро хатм намуданд. Инҳо аввалин раққосони балети тоҷик Бозгул Исоева, Сталина Азаматова, Сусана Узақова, Шарафбону Турдиева, Тоҳира Ҷаводзода, Баҳодур Ҷӯрабоев ва Бахтиёр Рабимов буданд, ки солҳои зиёд дар ин театри овозадор ҳунарнамоӣ карда, шуҳрати театрро боз ҳам баланд бардоштанд.

Ин анъанаи неки Бобоҷон Ғафуров минбаъд ҳам давом кард. Ҳар сол дар пойтахт намоишҳо ва конкурсу азназаргузарониҳои ҷумҳуриявӣ гузаронда мешуданд ва ҷавонони боистеъдод аз маҳалҳо интихоб шуда, барои хондан ба шаҳрҳои Москва ва Ленинград (Санкт-Петербург) фиристода мешуданд.

Яке аз аввалин комёбиҳои фарҳангии баъдиҷангии мо ин филми пурраметражи ҳуҷҷатии «Тоҷикистон»-и таҳиягари ҷавон Борис Кимёгаров буд, ки соли 1946 дар Кинофестивали байналхалқии Венетсия сазовори Дипломи фахрии «Шери Марки Муқаддас» ва медали биринҷии ин кинофестивали машҳур гардид. Ин филм номи Тоҷикистон ва кинои тоҷикро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуд.

Соли 1952 бошад, филми мустанади рангаи «Тоҷикистони советӣ»-и ҳамин таҳиягар сазовори Ҷоизаи давлатии ИҶШС шуд.

Котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров аҳамияти санъати киноро хуб дарк карда, ҳар сол барои инкишофи кинои тоҷик маблағҳои кофӣ ҷудо мекард ва ҷавонони маҳаллиро ба Институти давлатии умумииттифоқии кинематографияи Москва – ВГИК ва Ленинград – ЛИК барои хондан раҳнамоӣ мекарданд. Дар натиҷа, киностудияи «Тоҷикфилм» дар муддати кӯтоҳ соҳиби мутахассисони соҳибмаълумот ва касбӣ шуд.

Ветерани ҷангу меҳнат, ходими давлатӣ ва ҳизбӣ Раҳматулло Аҳмадов дар хотираҳояш «Ифтихори халқи тоҷик» («Ҷумҳурият», 28 августи соли 1998, № 42-43 (20.035 – 20.-036) саҳ.2) навиштааст:

«… Бобоҷон Ғафуров аз ҷояш хеста, чанд қадам партофту ба ёрдамчияш В. М. Алешанов наздик шуда, гуфт:

- Ходимони санъати кино Б. Кимёгаров, В. Кузин ва И. Барамиков дар ҳамин поезд ба Москва мераванд. Пагоҳ соати 10 онҳоро ба назди ман даъват кунед, хӯроки пешинро якҷоя хӯрда суҳбат мекунем.

Соати расо даҳ ману Сердюков ба назди устод омадем. Кимёгарову Кузин ва Барамиков аллакай омада бо Ғафуров суҳбат доштанд…

Кимёгаров бо ҳамкасбонаш, ки барои ҳалли баъзе масъалаҳои эҷодии санъати кино ба Москва мерафтанд, аз Бобоҷон Ғафуров хоҳиш намуд, ки дар сохтану бо техникаи навтарин таҷҳизондани киностудияи «Тоҷикфилм» ёрӣ расонад.

Бобоҷон Ғафуров, ки аз нақшаҳои коркунони киностудия огоҳ буд, бо як қатъияту дилпурӣ гуфт, ки дар Москва чанд рӯз меистаду бо ҳар восита масъалаи сохтмони бинои киностудияро ҳал мекунанд.

- Мо чунин киностудия месозем, ки дар Осиёи Миёна ҳамто надошта бошаду камаш соле 8-10 филми бадеӣ истеҳсол карда тавонад.

Ман боварӣ дорам, ки чанд соле мегузараду мо қаҳрамонҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, асарҳои С. Айнӣ ва дигар бузургони худро дар экрани кино бо тасвири ранга мебинему бо онҳо фахр мекунем, - бо дилпурӣ гуфт Бобоҷон Ғафуров.

Устод таъкид кард, ки ҳоло ба масъалаи аз ҳисоби ҷавонони лаёқатнок хоста гирифтану тарбия намудани кадрҳои эҷодӣ ҷиддан машғул шудан лозим аст».

Баъд аз ин вохӯрӣ ва мулоқоти судманд таҳиягари ҷавон Борис Кимёгаров ба романи машҳури устод Садриддин Айнӣ рӯ оварда, баъди танаффуси 16-солаи кинои тоҷик филми ҳунарии «Дохунда»-ро соли 1956 ба навор бардошт ва манзури тамошобинон гардонд.

Ҳамин тариқ, роҳи кинои тоҷик аз нав боз шуд ва филмҳои ҳунарии рангаи мусиқӣ-мазҳакавии «Ман бо духтаре вохӯрдам», «Дӯсти ман Наврӯзов», «Чароғ дар кӯҳсор» ва ғайраҳо истеҳсол шуданду номи кинои тоҷик ва Тоҷикистонро дар арсаи умумииттифоқӣ баланд бардоштанд.

Орзуҳои киносозони тоҷик дар бадали солҳо амалӣ шуданд ва дар кӯчаи Беҳзод-25 бинои маъмурии чаҳорошёнаи киностудияи «Тоҷикфилм», се павилони калони муҷаҳҳаз, сеҳҳои коркарди плёнка, сабти овоз, монтаж, бутафорӣ, дӯзандагӣ, барқӣ-равшандиҳӣ, дубляж, дуредгарӣ ва ғайраҳо сохта шуданд.

Дар ҳақиқат, мо қаҳрамонҳои «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсиро дар филмҳои ҳунарии «Ливои оҳангар», «Достони Рустам», «Рустам ва Суҳроб», «Достони Сиёвуш» борҳо тамошо кардаем. Ҳамаи ин натиҷаи кӯшишу ғамхориҳои Бобоҷон Ғафуров буданд, ки пояи асосии онро гузоштаанд.



**Дар сурат:** Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода дар иҳотаи адибони Тоҷикистон

**(Давомаш дар саҳ. 4)**



# ВОХӮРИИ ВАКИЛОН БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН

**Ҷиҳати шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода ва вакилони парлумон Муҳаммад Шодиён ва Сарвиноз Маҷидзода 27-уми январи соли 2024 дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯшониён вохӯрӣ бо интихобкунандагон баргузор гардид.**

Маҳмадалӣ Ватанзода зимни баромади хеш зикр кард, ки Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврае пешниҳод гардид, ки кишвари маҳбуби мо ба марҳалаи нави рушд ворид гардида, мардуми шарифи Тоҷикистон ба сӯиояндаи ободу осуда бо қадамҳои устувор пеш меравад. Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санади барномавие мебошад, ки дар бораи ҷамъбасти соли сипаришуда ва нақшаҳо барои оянда ва дар маҷмӯъ, тамоми самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакатро ба мардум пешниҳод мекунад.

Дар Паёми Президенти мамлакат гуфта шуд, ки соли 2023 новобаста аз мушкилоти он ҳамчун соли бобарор эътироф гардид.

- Дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати пешбурди сиёсати хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ вазифаҳои мушаххас гузоштанд, - афзуд М. Ватанзода.

Муҳаммад Шодиён Паёми Президенти мамлакатро падидаи муборак унвон карда, қисмати зиёди баромади хешро ба соҳаи маориф бахшид. Мавсуф зикр кард, ки ироаи Паём танҳо аз ҷониби роҳбари сиёсии кишварҳои соҳибистиқлол сурат мегирад. Яъне, роҳбари сиёсии кишваре, ки Истиқлолияти давлатии комил дорад, ба воситаи Паём ба аҳли ҷамоатчигӣ сиёсати дохилӣ ва хориҷии хешро мустақиман эълон менамояд.

Муҳаммад Шодиён дар идомаи баромади хеш афзуд, ки ҳар як нафар, аз аъзои Ҳукумат то зинаҳои поёнии роҳбарикунанда, хизматчиёни давлатӣ, фаъолон ва ҳар як шаҳрванд, метавонанд барои хеш барномаи кору фаъолияту зиндагииояндаашро дар асоси Паём тарҳрезӣ намоянд.

Дар идомаи вохӯрӣ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвиноз Маҷидзода зикр кард, ки Паёми ироагардидаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз самтҳои асосӣ оид ба зиндагии ҳар як фарди кишвар ва оид ба рушди иқтисоди миллӣ равона гардидааст. Изҳор гардид, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шахсияти асосии сарҷамъкунандаи миллати тоҷик буда, дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ шинохта шудаанд.

***

**Ҳамин гуна як мулоқоти судманд бо иштироки вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳуснигул Одиназода бо интихобкунандагон 27 январи соли ҷорӣ дар ноҳияи Дӯстӣ баргузор гардид.**

Ҳуснигул Одиназода зикр намуд, ки таваҷҷуҳи давлату Ҳукумат, хусусан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба соҳаи илму маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва зиндагии шоистаи халқи шарифи Тоҷикистон хеле зиёд буда, нисбати ин соҳаҳо ҳамасола ғамхории бештар зоҳир менамоянд. Натиҷаи чунин ғамхориҳо ба сокинони мамлакат мебошад, ки қариб ҳамасола музди меҳнати кормандони соҳаи буҷетӣ ва нафақапулиҳо зиёд карда мешавад.

Тавре дар Паёми имсолаашон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор намуданд, аз моҳи январи соли 2024 музди меҳнати кормандони соҳаи ҳифзи ҳуқуқ 40 фоиз зиёд ва аз моҳи июли соли ҷорӣ музди меҳнати омӯзгорон, табибон, хизматчиёни давлатӣ, кормандони фарҳангу варзиш ва стипендияҳо 40 фоиз зиёд карда мешаванд.

Ҳамчунин, дар баробари ин аз моҳи июли соли 2024 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ низ 30 фоиз зиёд карда мешавад.

Иштирокдорони вохӯрӣ ба вакили парлумон суолу таклифҳо пешниҳод намуда, ҷавобҳои қаноатбахш гирифтанд.

**Сулаймон СУЛТОНОВ,**
**«Садои мардум»**

# ВМКБ: ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАҲОИ РУШД ВА ВАЗИФАҲОИ МИНБАЪДА



**Чанде пеш таҳти раёсати раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Алишер Мирзонабот машварати васеъ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соли 2023 ва вазифаҳо барои соли 2024 доир гардид. Дар он котиби Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насрулло Маҳмудзода иштирок намуд.**

Нахуст Анвар Иматшозода, муовини раиси ВМКБ, оид ба дастовардҳои вилоят дар соли 2023 ҳисобот дода, иброз намуд, ки соли гузашта барои вилоят соли пурфайзу бобарор буд.

Дар ин давра маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар вилоят 1736,6 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,1 фоиз афзоиш ёфт. Гардиши савдои хориҷии вилоят 64 миллиону 896,5 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022-юм 3,1 баробар зиёд буд.

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ВМКБ барои солҳои 2021-2025 аз 135 лоиҳа иборат буда, маблағи умумии он 4759,1 миллион сомониро ташкил медиҳад. Солҳои 2021, 2022 ва 2023 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои бунёду барқарорсозӣ 1845,7 млн. сомонӣ равона шуд.

Дар идома Алишер Мирзонабот фаъолияти ҳар як соҳаро дар алоҳидагӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ба сарпарастони соҳаҳо, раисони шаҳру ноҳияҳо, ҷамоат ва шаҳраку деҳот, роҳбарони муассисаю идораҳои масъул баҳри боз ҳам таҳкиму вусъат бахшидани корҳои созандагию бунёдкорӣ дар заминаи нишондиҳандаҳои Паёми навбатии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, таҷлили сазовори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ, рушди саноату истеҳсолот, бонкдорӣ ва пешбурди самарабахши ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, муҳоҷират ва ба шуғлу кори сазовор таъмин намудани сокинон дастуру супоришҳои мушаххас дод.

Котиби Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Насрулло Маҳмудзода зимни суханронӣ нахуст нуктаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро шарҳу тавзеҳ дод. Аз ҷумла, зикр шуд, ки Ҳукумати мамлакат тасмим гирифтааст дарояндаи наздик барои ташаккули долонҳои иқтисодӣ як қатор лоиҳаҳои афзалиятноки бунёду таҷдиди роҳҳои мошингарди дорои аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявиро лоиҳакашӣ ва барои ҷалби сармоя пешниҳод намояд.

Роҳҳои Рӯшон то деҳаи Варшези ноҳияи Шуғнон (235 километр), аз Варшез то гузаргоҳи Кулма-Қарасу (300 километр), Бохтар-Ҷалолиддини Балхӣ-Қубодиён-Шаҳритус-Айвоҷ-сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон (170 километр), Хуҷанд-Конибодом (57 километр), Хуҷанд-Ашт (122 километр) ва Балҷувон-Сари Хосор (58 километр) аз ҳамон ҷумлаанд. Ҳоло таҷдиду барқарорсозии роҳи мошингарди Қалъаихумб-Ванҷ-сарҳади ноҳияи Рӯшон (93 километр) бо сохтмони ду нақб бо дарозии 5,2 километр бо харҷи 2,2 миллиард сомонӣ, сохтмони ду пул бо дарозии 283 метр аз болои дарёҳои Ғунд ва Шорфдара, 4,5 километр роҳ ва долонҳои зидди тарма (550 метр) бо масрафи 342 миллион сомонӣ идома дорад.

Вобаста ба ин, масъулини вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он вазифадор гардиданд, ки баҳри иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии мамлакат бармеоянд, тадбирҳои ҷиддӣ андешанд.

**М. ИМОМНАЗАР,**
**«Садои мардум»**

# ОФТОБ – ЭНЕРГИЯИ ТОЗА ВА ТАМОМНАШАВАНДА

**(Идома аз саҳ. 1)**

Омӯзиши таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ ба як қатор мамолики рӯ ба тараққӣ низ рӯҳу илҳом бахшида, имкон дод, ки дар ин ҷода муваффақ шаванд. Аз ҷумла, Муғулистон, ки то солҳои наздик аз норасоии барқ дучори мушкилӣ буд, ташаббуси «100 000 юртаи офтобӣ»-ро роҳандозӣ намуд. Бартарии панелҳои офтобӣ барои Муғулистон дар он буд, ки хароҷоти кашидани хати барқу харидани симчӯбу трансформаторҳо аз байн рафт.

Соли 2020-ум 20 дарсади неруи барқи Марокаш тавассути панелҳои офтобӣ таъмин шуд, ки ин яке аз натиҷаҳои беҳтарин дар ин самт аст. Ҳоло бузургтарин неругоҳи офтобии ҷаҳон дар минтақаи «Нур-Уарзазат»-и Марокаш дар 3000 гектар ҷой гирифтааст.

Тарғиби истифодаи панелҳои офтобӣ ба аҳолии Марокаш имкон дод, ки сол то сол хароҷот барои истифодаи неруи барқро кам кунанд, зеро панели офтобӣ дар 4-5 соли аввал хароҷоташро баровarda, 20 соли боқимонда ройгон неруи барқ медиҳад.

Ин гуна лоиҳаҳои дастгирии сокинони камбизоати деҳот дар Бангладеш, Ҳиндустон, Хитой ва дигар кишварҳо низ амалӣ гардиданд. Ҳоло Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳам аз ҷиҳати истеҳсоли неруи барқи офтобӣ ва ҳам бодӣ дар ҷаҳон ҷойи якумро соҳиб аст. Нархи панелу коллектор ва батареяҳои офтобию таҷҳизоти бодӣ низ дар Чин аз ҳама арзонтар мебошад. Ин имкон медиҳад, ки дар муддати нисбатан кӯтоҳ таҷҳизоти офтобӣ маблағашро ҷуброн карда, ба харидор ройгон неруи барқ диҳад.

Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон таъкид намуданд: «Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи фоизи истеҳсоли барқ аз манбаъҳои барқароршаванда дар ҷаҳон дар ҷойи шашум қарор дорад. Дар кишвари мо 98 дарсади истеҳсоли неруи барқ ба неругоҳҳои обӣ рост меояд».

Мувофиқи маълумоти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, дар як сол иқтидори гидроэнергетикии мамлакат 527 миллиард кВт. соат, нурафкании офтоб - $3x10^3$ миллиард кВт. соат, энергияи бод - аз 25 то 150 миллиард кВт. соат, энергияи геотермалӣ - 450 миллиард кВт. соат ва энергияи биомасса – 2 миллиард кВт. соатро ташкил медиҳад. Истифодаи ҳадди ақали як қисми ин захираҳо имкон медиҳад, ки дастрасии аҳолӣ ба неруи барқ беҳтар шуда, саноати мамлакат рушд намояд.

Академик Ҳаким Аҳмадов дар китобаш «Энергетикаи офтобӣ, ҳолат, имконоти истифодабарӣ ва дурнамои рушд» (Душанбе, 2007) навишта буд, ки: «Энергияи офтоб манбаи ҳаёт дар сайёра мебошад. Офтоб атмосфера ва сатҳи Заминро гарм мекунад. Ба шарофати неруи офтоб шамол вазида, гардиши об дар табиат ба вуҷуд меояд, баҳру уқёнусҳо гарм мешаванд, рустаниҳо нашъунамо карда, ҳайвонот ғизо меёбанд. Маҳз ба туфайли нурафкании офтоб дар табиат сӯзишвориҳо ба вуҷуд омада, захира мешаванд. Энергияи офтобро метавон ба неруи барқ, гармкунӣ, салқинсозӣ, неруи ҳаракатдиҳанда (гелиомобил, қатораю ҳавопаймо ва киштиҳои офтобӣ) табдил дод».

Олимони Институти физикаю математикаи АМИТ аз солҳои навадум то ин дам як қатор обгармкунакҳо, танӯрчаҳои офтобӣ, панели офтобӣ ва ғайраро ба таври намунавӣ сохта пешкаши хоҳишмандон карда буданд. Тибқи лоиҳа дар як қатор деҳаҳои ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Дарвоз, Дӯстӣ, Шаҳринав ва ғайра панелу обгармкунакҳои офтобӣ насб гардидаанд, ки солҳост ба аҳолӣ хизмат мерасонанд. Соли сипаришуда бо ташаббусу дастгириҳои Пешвои миллат дар маркази ноҳияи баландкӯҳи Мурғоб неругоҳи офтобии иқтидораш 200 кВт ба истифода дода шуда, бунёди неругоҳи офтобии иқтидораш 600 кВт оғоз гардид.

Инчунин, дар қисмати ҷанубии вилояти Хатлон гармхонаҳои офтобӣ сохта шудааст, ки бо харҷи кам ҳосили фаровон медиҳанд.

Олимон ҳисоб кардаанд, ки агар сокинони сайёра ҳамагӣ 1 дарсади неруи аз Офтоб ба замин меомадаро самаранок истифода баранд, яъне тавассути панелҳо барқ ҳосил кунанд, бо ёрии коллекторҳо худро бо оби гарму гармии манзил таъмин намоянд, тавассути гелиомобилу киштиҳо ва қатораю ҳавопаймоҳои офтобӣ ҳаракат кунанд, соле 1 триллион тонна сӯзишворӣ сарфа хоҳад шуд.

Танҳо дар ИМА дар 1,5 миллион боми хонаҳо насб кардани панелу обгармкунакҳои офтобӣ боиси он гардид, ки соле сӯхтани 5 миллион тонна нефт пешгирӣ шавад.

Вобаста ба истифодаи неруи офтоб ҳамкорӣ бо кишварҳои мутараққӣ ва ҳамсояҳо дар самти сармоягузорӣ ва тадқиқоти илмӣ муфид аст. Чунончи, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҳамкорӣ бо сармоягузорони Арабистони Саудӣ ва Амороти Муттаҳидаи Араб неругоҳҳои офтобии иқтидори ҳар кадомашон 100 мегаватт сохта шуд.

Агар мо ҳам тибқи барномаи мушаххас бо истифода аз дастовардҳои нави илмӣ ва таҷрибаи пешқадам ба бунёду насби таҷҳизоти офтобӣ оғоз намоем, дар муддати кӯтоҳ истеҳсоли неруи барқ дар мамлакат афзуда, имкони содироти он бештар мешавад.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

**Ҷашни меҳру фаровонӣ**

# НАМОДИ ШОДЗИСТӢ ВА ҲАМБАСТАГӢ

**Мусаллам аст, ки ҷашн ё ид фарогири маънавӣ, фарҳангӣ ва отифии як халқияту миллиятро дар паҳнои зиндагии башарӣ муаррифӣ месозад. Ҷашн қолаби фарҳангиест, ки ҳолати равонӣ ва фикрию ахлоқии мардумро дар макону замон ва ҷуғрофиёи мушаххас таъйину таъйид мекунад. Дар ин қолаби фарҳангӣ хамирмояи ҳувияти қавмӣ ва миллӣ рехта мешавад ва чун риштаи дарозе дар бастаи фарҳанги маънавӣ печиш мехӯрад ва бо гузашти замон устувор мегардад.** **шомгоҳи даҳуми баҳманмоҳ болои бом баромада, ҳезум ҷамъоварӣ карда, гулхан меафрӯзанд. Даҳуми баҳманмоҳ чиҳилумин рӯзи таваллуди хуршед аст ва мардум дар доираи ҷашни Сада чиҳилумин рӯзи таваллуди хуршедро таҷлил мекунанд.** Вожаи «Сада» **дар «Авасто» ба маънии тулӯъ ва ғуруб ва фарозу фуруди хуршед омадааст.** Ин аст, ки Сада дар баробари ҷанбаҳои ойинию маросимӣ, иҷтимоию маданӣ, фалсафӣ, ҳамчунин, ҷанбаи кайҳонӣ низ дорад ва **тулӯву ғуруби ду ситораро ба ин мисол меоваранд.**

**Ҳамон фарри Наврӯзу оташкада.**

Хушнудию хушҳолӣ ва шӯхию бозӣ асоси ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла Садаро ташкил медиҳад. Ҳаким Низомӣ дар «Шарафнома» аз оину суннат ва маросими ҷанбаи миллӣ-дунявидоштаи ҷашнҳои куҳани Наврӯзу Сада ёдовар мешавад:

**Ба Наврӯзи Ҷамшеду ҷашни Сада,**
**Ки нав гаштӣ оини оташкада,**
**Зи ҳар сӯ арӯсони нодидашӯй,**
**Зи хона бурун тохтандӣ ба кӯй.**
**Муғона майи лаъл бардошта,**
**Ба ёди муғон гардан афрошта.**
**Зи Барзини деҳқону афсуни Занд**




Ин аст, ки мардум аз бомдоди вуҷуд барои осудагию оромиши хотир ҷашну оинҳо барпо менамуданд ва барои тақвияту идомати онҳо маросими махсус ихтисос дода, бад-ин минвол умри ҷашнҳоро дароз мекарданд. Рабт додани оину ҷашнҳо ба ҳодиса ё воқеае дар силсилаи таҷлилоти оинӣ ва ҷашнии мардуми тоҷик аз воқеъбинии ишон гувоҳӣ медиҳад. Дигар ин ки мардум ва дастандаркорони ҷашнҳои бостонӣ барои хушҳолӣ ва болидагии рӯҳию равонии ҷомеа, ҳамчунин, баҳамоӣ ва ҳамбастагии қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ маросими вижа тартиб мекарданд ва аз ин тариқ оинҳоро машрӯият мебахшиданд. Бар ин асос ҷашну оинҳои бостонии Наврӯз, Тиргон, Меҳргон, Ялдо, Сада ва амсоли инҳо, ки барномарезиҳои инсонӣ дар қиболи мушкилоти рӯзмарраи зиндагӣ маҳсуб меёбанд, созмон ва давра ба давра интиқол ёфта, то ба замони мо расидаанд. Аз ин ҷост, ки ҷашну маросими миллию мардумӣ ифодагари ҳувияти миллӣ буда, собиқаи умри фарҳангу маънавиёт ва сиёсату ахлоқи ҷомеаро ифода мекунанд. Аз ҷониби дигар, силсилаҷашнҳои миллӣ оину суннати шодзистию ҳамбастагиро ифода мекунанд.

Чанд нуктаро аз ҷашни Сада хидмати хонандагон арз медорем: Ба назари донишмандон, ҷашни Сада аз куҳантарин ҷашнҳои гурӯҳӣ ва иштирокии мардуми ориёнтабор маҳсуб меёбад. Дар **шомгоҳи даҳуми баҳманмоҳ мардум ба баландии кӯҳҳо ва бомҳо баромада, оташ меафрӯхтанд ва ин суннат то имрӯз дар баъзе минтақаҳо боқӣ мондааст.** Мардум дар гирди **гулхан ҷамъ омада, шеъру таронахонӣ мекарданд ва хуршеду гармиро даъват менамуданд. Дар баъзе минтақаҳо ба хонишҳои садавӣ, ҳамчунин, бозӣ ва дигар намоишҳои ҷамъӣ зам мешуданд.** Пажӯҳишгари эронӣ Ризо Муродии Ғиёсободӣ дар матлаби ихтисосии «Ҷашни Сада: Ҷашни бузурги оташ бо хостгоҳи кайҳонӣ» бар он ишора мекунад, ки Сада дар гузашта дар густараи паҳноваре аз **Осиёи Сағир (Онотолӣ) то вилояти Синкёнги Чин таҷлил мегардидааст**. Ба ин тартиб, дар миёни ҳама ақвому табор, новобаста аз адёну мазоҳиб, Сада ҷашн гирифта мешудааст ва монанди Наврӯз сарчашмаҳои таърихӣ аз он ёд кардаанд. Ризо Муродии Ғиёсободӣ ба он ишора менамояд, ки Сада бо номҳои гуногун миёни мардум маъруфият дошта, мардум, новобаста аз таалluқоти миллию нажодӣ ва динию мазҳабӣ ҷашн гирифта мешуданд. Мардум **оғози**

Аз сатҳи ҷашну суннату маросими шодию баҳамоӣ то ба сатҳи барномаи стратегии сиёсию мафкуравӣ боло бардоштани Сада ташаббусоту ибтикороти зиёдеро бояд рӯйи даст гирифт, аз ҷумла:

- ба ҷашни хонаводагӣ, миллию меҳанӣ ва ҷашни карнавалӣ табдил додани Сада ва дар ин замина ташкил кардани гаштугузору саёҳати ҷашнӣ. Хусусияти карнавалӣ гирифтани Сада ва соири ҷашнҳои миллӣ маънои густурдагӣ ва паҳнои маданию марзии ҷашнро дорад, чун аз тариқи карнавали садавӣ мардум либосҳои рангоранги идона пӯшида, бо шодию сурур хушҳолӣ мекунанд ва якдигарро ба созу тараби ҷашнӣ даъват менамоянд;

- аз тариқи воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои иҷтимоӣ тарғиби саросарии Сада ва маросими ҷашнӣ;

- бо баргузории маросими Сада роҳандозӣ намудани барномарезиҳои тарбиятии миллию дунявӣ, мубориза бо хушкандешони мазҳабӣ ва хурофазадагону ифротгароёни динӣ.

Бегонагон ва душманони миллат ҳамеша бо Сада, ҳамчуноне ки бо Наврӯзу Меҳргону Ялдо ҷанг эълом карда буданд, сарсахтона мубориза бурданд. Аз назари бузургон, ба хатар афтодани ҷашнҳои Наврӯзу Сада маънои ба хатар мувоҷеҳ гардидани сарзамин ва марзу бумро доштааст. Масалан, вақте ки Баҳроми Чӯбин аз хатари вуруди лашкари Совашоҳи турк сухан дар миён меорад, бонги изтироб мезанад:

**Аз ин зоғсорони беобу ранг,**
**На ҳушу на дониш, на ному на нанг.**
**Ҳам оташ бимирад ба оташкада,**
**Шавад тира Наврӯзу ҷашни Сада.**

Илова бар ин, Фирдавсӣ эҳтирому арҷгузорӣ ва нигаҳдорию ҳифзи оину ҷашнҳои миллии Наврӯзу Садаро аз мушаххасоти ҳувиятию инсонӣ талаққӣ карда, аз ҳамватанон даъват ба амал овардааст, ки тавассути ҳифзи ҷашнҳои куҳани аҷдодӣ обрӯю иззати миллатро нигаҳбонӣ кунанд:

**Нигаҳ дорад оини ҷашни Сада,**
**Бароварда дуде ба чархи баланд.**
**Ҳама корашон шӯхию дилбарӣ,**
**Гаҳ афсонагӯйӣ, гаҳ афсунгарӣ.**

Ҷашни Сада қабл аз ислом, дар замони исломӣ, давраи Хоразмшоҳиён ва то ҳамлаи муғул миёни амирону ҳокимону мардуми одӣ таҷлил мегардид. Бузургтарин ва машҳуртарину бошукӯҳтарин ҷашни Сада дар замони бунёдгузор ва нахустин амири Дудмони Зиёриён Мардовиҷ ибни Зиёр соли 323 ҳиҷрӣ дар Исфаҳон баргузор гардид. Ӯ ҷашни бошукӯҳе тартиб дод ва дар охири ҷашн ба дасти мухолифонаш кушта шуд. Ҷашни дигаре, ки дар хотири мардум боқӣ мондааст, дар замони Султон Масъуди Ғазнавӣ дар соли 430 ҳиҷрӣ доир карда шуд.

Дар доираи маросиму тадорукоти ин ҷашн мардум аввал барои ҷамъоварии ҳезум таҷаммӯъ карда, дар болои кӯҳ ва ё бомҳо гулхан меафрӯхтаанд ва гирди гулхану оташ мегаштаанд, навозандагону мутрибон навоҳои ҷашнӣ менавохтаанд, суруд мехондаанд, ба рақсу бозиҳо мепардохтаанд. Ҳарчанд ки Сада ҷашни динӣ нест, зардуштиён ба он созу баргҳое илова карда, бар мабнои муътақидоти оинӣ маросиме сохтаанд. То хомӯш шудани оташ ва поин рафтани гулхан мардум гирди он менишастанд, шодию нишот мекарданд, рақсу бозиҳо менамуданд, афсонаю қиссаҳо мепардохтанд ва ҳамин гуна хушҳолӣ менамуданд. Баъдан хокистари оташро деҳқонону кишоварзон ғундошта, ба киштзору мазрааҳо мерехтанд, ба умеди баракату серҳосилии замин.

Дар маҷмӯъ, Сада ҷашнест, ки мардумро, новобаста ба таалluқоти қабилавӣ, қавмӣ, этникӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рангу пуст, гирди ҳам меоварад ва онҳо даст ба дасти ҳам дода, суннату маросимро якҷо гузаронда хушҳолӣ мекунанд. Ин аст, ки Сада намоди шодзистӣ, ҳамбастагӣ ва ҳамшарикии мардум маҳсуб меёбад.

**Нозим НУРЗОДА, пажӯҳишгар**

**МУЖДА**

# ҒАЛАБАИ НАВБАТИИ ФУТБОЛБОЗОНИ ТОҶИК

**Ғалабаи навбатии мунтахаби миллии футболи Тоҷикистон дар даври 1/8 финалии мусобиқаи Ҷоми футболи Осиё на танҳо мухлисони футбол, балки тамоми сокинони Тоҷикистонро шод кард.**



Футболбозони тоҷик дар бозии навбатӣ, ки дар варзишгоҳи Аҳмад бин Алии Давҳа баргузор шуд, бар мунтахаби Аморати Муттаҳидаи Араб (АМА) дастболо шуда, ба даври 1/4-финалии мусобиқа роҳ ёфтанд.

Бозӣ дар вақти асосӣ мусовӣ анҷом ёфт. Ҳисобро дар дақиқаи 30-юм пас аз партоби Зоир Ҷӯрабоев ҳамдастааш Ваҳдат Ханнонов кушод. Дар дақиқаи 90+5 ба футболбозони араб муяссар шуд, ки ҳисобро баробар кунанд.

Дар силсилаи зарбаҳои 11-метра (пеналти) футболбозони мо тавонистанд 5 зарбаро ба дарвозаи ҳариф ворид намуда, дарвозабони Тоҷикистон Рустам Ятимов як зарбаи футболбозони арабро баргардонад.

Сармураббии тими миллии Тоҷикистон Петр Сегрт дар нишасти матбуотии пеш аз бозӣ изҳор карда буд, ки «Дар бозӣ бо тими миллии АМА мо то садои ҳуштаки ниҳоӣ мубориза хоҳем бурд. Умед дорам, ки дар Ҷоми Осиё боз як бозии таърихӣ дорем. Ин маҳз ҳамон чизест, ки ман мехоҳам, зеро дар се рақобати марҳилаи гурӯҳии мусобиқа футболи хуб нишон додем».

Тавре Федератсияи футболи Тоҷикистон хабар медиҳад, дар даври чаҳорякфиналӣ мунтахаби миллии футболи Тоҷикистон бо ғолиби ҷуфти Ироқ - Урдун рақобат мекунад. Ин бозӣ 2 феврали соли ҷорӣ баргузор мешавад.

**Б. КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**

**Номаҳои бетаҳрир**

# МОШИНИ МОРО ОТАШ ЗАДАНД

## Зарарро кӣ ҷуброн менамояд?

**Се сол мешавад, ки барои тантанаи адолат дари мақомоти зиёдеро мекӯбам, вале то ҳол мушкил ҳалношуда боқӣ мондааст. Бо умед қалам ба даст гирифтам, то шояд масъулон баъди чоп дар рӯзномаи «Садои мардум» аз ҳақиқат огоҳ шуда, ҳақро ба ҳақдор расонанд.**

Шаби 19 ба 20-уми майи соли 2022, тақрибан соати $01^{00}$, мошини сабукрави тамғаи «Мерседес Бенс», ки ба писарам Амонӣ Қаюмов мансуб буда, дар саҳни ҳавлӣ қарор дошт, аз тарафи шахси номаълум оташ зада шуд.

Алангаи оташро дида, ба ШВКД ва хадамоти оташнишонии ноҳияи Хуросон хабар додам. Ҳангоми азназаргузаронии ҷои ҳодиса сарпӯши зарфи пластикиро, ки аз он бӯи ба маводи сӯхт монанд меомад, дарёфт намудам. Сипас, ҳамроҳи аҳли оила ба мақомоти милитсия рафта, дар бораи ҳодисаи мазкур то соати 6-и субҳ баёнот додем.

Ҳамон лаҳза, вақте ки мо дар ШВКД дар ноҳияи Хуросон қарор доштем, шаҳрвандон Фарҳод Набиев ва Меҳрубон Абулов низ буданд. Кормандони милитсия аз мо пурсиданд, ки «зикршудагон низ ҳамроҳи шумоянд?» Мо ин ҳолатро рад кардем.

Пас аз баёнотгирӣ ба ман маълум шуд, ки шаби рух додани ҳодисаи мазкур Меҳрубон Абулов зимни аз роҳ гузаштан шахси ношиноси сару рӯяш пӯшондашударо дар ҳолати давидан дида, ӯро манъ мекунад ва мебинад, ки ӯ Фарҳод Набиев аст. Дар дасти Фарҳод халтаи селофанӣ ва дар дохили он зарфи пластикӣ будааст, ки даҳонаш кушодаю аз он бӯи сӯзишворӣ меомадааст.

Вақте вайро ба ШВКД мебаранд, Фарҳод Набиев иқрор мешавад, ки мошини ба писари ман тааллуқдоштаро оташ задааст.

Санҷиши ҳолати мазкур аз ҷониби корманди ШВКД дар ноҳияи Хуросон Муслиҳиддин Ҳамроев гузаронда шудааст. Минбаъд кормандони милитсия муайян менамоянд, ки Фарҳод Набиев дар манзили тағояш Фирӯз Собиров ҷинояти мазкурро фаҳмонидаанд. Баъди мулоқоти Ф. Собиров бо кормандони милитсия фарзияи оташ гирифтани мошини писарам тағйир ёфт. Гӯё дар натиҷаи гузарондани санҷиш муайян шудааст, ки оташ гирифтани воситаи нақлиёт дар натиҷаи расиши кӯтоҳи ноқилҳои дохили нақлиёт ба вуҷуд омадааст, ки ин ҳолат мантиқан нодуруст мебошад, зеро санаи рух додани ҳодиса муҳаррики воситаи нақлиёти мазкур умуман ба кор дароварда нашуда буд.

Аз оташ задани нақлиёт ба оилаи мо зиёда аз 100 000 сомонӣ зарари моддӣ расид, ки то ҳол барқарор нашудааст.

Мутаассифона, кормандони мақомоти ваколатдор ба ҷои он ки ҷиноятро холисона санҷида, ҷинояткору шариконашро ба ҷавобгарӣ кашанд, ҳақиқатро рӯпӯш намуданд.

Ман маъюби гурӯҳи дуюм бошам ҳам, тамоми умр бо меҳнати ҳалол дар пешрафту ободонии диёр саҳм гузоштаам. Мошинро бошад, тавассути қарзи бонк харида будем. Барои ҳақ будани гуфтаҳоям шоҳиду ҳуҷҷатҳои зиёд дорам.

Боварӣ дорам, ки баъд аз чопи номаи ман роҳбарияти Вазорати корҳои дохилӣ қазияро зери назорат гирифта, ҳақиқатро рӯи об мебарорад.

**Саидаҳмад ҚАЮМОВ,**
**сокини кӯчаи Х. Муродови ноҳияи Хуросон**

